# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ оид ба диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04. - иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.**

**аз “12” 09 соли 2023, ш. Душанбе**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонзода М. Р. -раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М. Т. - аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Муқимова Н. Р - аъзои комиссия мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Қодирзода Н. Ҳ. хулосаи зеринро қабул намуд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳим ва актуалӣ буда, кори мазкур таҳқиқоти илмии баанҷомрасида маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти илмӣ зарурат ва ташаккули инфрасохтори инноватсиониро дарбар мегирад, ки дар замони муосир яке аз омилҳои асосии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки асосҳои назариявию методологии инфрасохтори инноватсионӣ ва самарабахшии фаъолияти ҷузъҳои он дар рушди индустриалию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди индустриалию инноватсионӣ ба сифати сенарияи асосии татбиқи он интихоб шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин асосноккунии самтҳои асосии таъмини инфрасохтории рушди саноати миллӣ дорои аҳамияти муҳиму стратегӣ мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, тайи солҳои охир барои таъмини рушди усутвори иқтисодиёти миллӣ ва гузариши он ба иқтисодиёти инноватсионӣ заминаҳои мусоиди институтсионалӣ фароҳам оварда

шудааст.

Дар диссертатсия ҳолати муосир ва тамоюли таъминоти инфрасохтории саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, таъсири инфрасохтори инноватсионӣ ба рушди неруи содиротӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳогузорӣ гардидааст. Инчунин, таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ин самт мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ин замина тавсияҳои асоснок таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар ва барномаҳои амалинамоии он метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи саноат ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-юми январи соли 2022, таҳти №11/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 3,25 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Қодирзода Н. Ҳ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровара шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қодирзода Н. Ҳ., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои

диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04. - иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Шурои диссертасионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- Мирсаидов Аброр Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

-Тошматов Маҳмуд Неъматович - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.профессор, муовини аввал, муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид таълим ва сифати таҳсилот.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Қурбонзода М. Р.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Каримова М. Т.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисодиёт ва ташкили
истеҳсолоти ДТТ ба номи акад. М. С. Осимӣ — Муқимова Н. Р.

Имзоҳои аъзоёни комисияи экспертиро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ — Қодирзода Н. Ҳ.